Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна ба яке аз масъалаҳои муҳими – «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия мавқеи худро доир ба ҷустуҷӯи роҳҳои наву самарабахши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ муайян карда, дар рисола мафҳумҳои «салоҳият», «салоҳиятмандӣ», «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ»-ро аниқ ва аз нуқтаи назариявӣ асоснок кардааст. Ҳамзамон, дар авторефератмайлу рағбати донишҷӯён ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, технологияҳои педагогии инноватсионӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ муайян ва меъёрҳои нишондиҳандаи рағбатнокии донишҷӯён ба маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тибқи талабот нисбат ба омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ҳангоми муошират бо забони ғайр, ки мақсад, вазифаҳо, муносибатҳо, принсипҳо, қисматшо, сохтор ва мундариҷаи муошırати байнифарҳангиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ фаро мегирад, коркард карда шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, барои созмондиҳии босамараи раванди таълим муҳим аст, ки муҳтавои матнҳо ва супоришҳо оид ба онҳо ба муҳассилин доир ба рафтори коммуникативии намояндагони фарҳанги дигар иттилооти кофӣ диҳад. Пеш аз ҳама, ин бо ёрии маводҳои асл (матнҳо, сабтҳои аудиоӣ, филмҳои видеоӣ) сурат мегирад, ки онҳо аз назари ороиши забон меъёрӣ мебошанд, иттилооти лингвистӣ-кишваршиносиро шомиланд ва интиқолдиҳандаҳои ба худ хоси фарҳанги миллӣ маҳсуб дониста мешаванд.

Унвонҷӯ дар автореферати хеш иброз намудааст, ки омӯзиши забони хориҷӣ ва муошират бо он аз муаллим ва талабагон сарфи шиддати бузурги психикиро тақозо мекунад. Марбут ба ин, барои иҷрои муваффақонаи чунин вазифаҳо ба вуҷуд овардани ангезаи мусбат муҳим аст. Омӯзгор зимни машғулият чунон шароитеро созмон диҳад ва истифода барад, ки нисбат ба фан шавқу мароқи донишҷӯёнро бедор созад.

Дар қисмати озмоиши ташаккулдиҳандаи диссертатсияҷанбаи бедор намудани ангеза ҷиҳати фаъолмандӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангӣ, вобаста будани ҳавасмандии маърифатдӯстии донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забони хориҷӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионии педагогӣ ҷиҳати самарабахшии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони оянда дар ҷараёни омӯзиши забони олмонӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Ҷолиби диққат аст, ки унвонҷӯ доир ба ҳар як мавзӯи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз намудааст.

Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, вале ғалатҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи анҷомдодашуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз,
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика
ва таҳсилоти муосири
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Гулмадов Файз

Имзои Ф. Гулмадов тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои М. Саидова
20.01.2023 с.

Маълумот барои тамос
Тел: 2248417 (+992919636734)
E-mail: gulmadov53@mail.ru